# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13ᵃ, тел: 221-46-05,**
**факс: 221-70-41; www.edu-maorif.tj, E-mail: mort@maorif.tj**


27.12.2019, №03/2-1411

Ба роҳбарони муассисаҳои
таҳсилоти олии касбӣ

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони **«Беҳтарин донишҷӯи сол»**-ро (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2019, №16/141) ирсол намуда, дастур медиҳад, ки иҷрои талаботи Низомномаи мазкурро дар муассисаи таълимӣ таъмин намоед.

Замима: 9 саҳифа.

Муовини якуми вазир Р. Мирбобоев

Иҷрокунанда: А.Ҷафаров
Тел: 221 67 13


Российско-Таджикский
(Славянский университет
Входящие № 46
от 24. 01 2020

# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «24» 12 соли 2019 №1539 ш. Душанбе

Дар бораи амали намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2019, №16/141

Бо мақсади амали намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2019, №16/141 дар бораи тасдиқи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони «Беҳтарин донишҷӯи сол» мутобиқи банди 13-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2019, №16/141 дар бораи тасдиқи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони «Беҳтарин донишҷӯи сол» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).

2.Ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад, ки иҷрои талаботи Низомномаи мазкурро таъмин намоянд.

3.Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ Ф.Ҳайдаров Низомномаи мазкурро ба тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дастрас намуда, риояи талаботи онро дар муассисаҳои таълимӣ зери назорат гирад.

4.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм С.Давлатзода гузошта шавад.

Асос: қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2019, №16/141

Вазир Нуриддин Саид

Муовини вазир
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

Российско-Таджикский (Славянский) университет
Входящие №

## ҚАРОРИ МУШОВАРАИ
## ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «29» 11 соли 2019 №16/141 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи
Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони «Беҳтарин донишҷӯи сол»

Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурӣ Тоҷикистон Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони «Беҳтарин донишҷӯи сол»-ро муҳокима намуда қ а р о р м е к у н а д:

1.Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони «Беҳтарин донишҷӯи сол» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Ба ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад, ки иҷрои талаботи Низомномаи мазкурро таъмин намоянд.

3.Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ Низомномаи мазкурро ба тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дастрас намояд.

4.Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ риояи талаботи Низомномаи мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зери назорат гирад.

5.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир С.Давлатзода гузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир Нуриддин Саид

Бо қарори мушоварai
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» 11 соли 2019, №16/141
тасдиқ шудааст

Низомномаи
озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти
олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони
«Беҳтарин донишҷӯи сол»

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони «Беҳтарин донишҷӯи сол» (минбаъд-Низомнома) тарзи ташкил ва баргузории озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зери унвони «Беҳтарин донишҷӯи сол» (минбаъд Озмун) муайян менамояд.

2. Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардид.

3. Озмун бо мақсади ҷалби васеи донишҷӯён ва ҳавасманд намудани онҳо дар рушди қобилияти илмӣ, эҷодӣ, баланд бардоштани завқи китобхонӣ, фаъолгардонии доираи забондонӣ, такмили фаъолияти ҷустуҷӯи мустақилона, таъмин ва татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ, истифодаи техника ва технологияи иттилоотию иртиботӣ, аз бар намудани донишҳои замонавӣ, инчунин арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, тайёр намудани мутахассисони соҳибкасби рақобатпазир дар бозори меҳнат ва дарёфти чеҳраҳои лаёқатманди дорои захираҳои илмию зеҳнӣ ва ба ҳам овардани донишҷӯёни минтақаҳои кишвар гузаронида мешавад.

4. Муайян намудани «Беҳтарин донишҷӯи сол» аз рӯи дастовардҳои шоёни таълимӣ, тарбиявию ахлоқӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, илмӣ, қобилияти эҷодӣ, навоварию ихтироъкорӣ, фаъолияти ҷустуҷӯӣ, истифодаи фарҳанги техникӣ, забондонӣ, суханварӣ, меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ, иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, ҷамъиятӣ, конференсияҳо ва дигар чорабиниҳо дар давоми соли таҳсил дар се давр доир карда мешавад.

5. **Даври якуми Озмун** аз моҳи сентябр то даҳрӯзаи дуюми моҳи феврал миёни донишҷӯёни факултети муассисаи таълимӣ доир карда мешавад.

6. **Даври дуюми Озмун** даҳрӯзаи якуми моҳи апрел миёни донишҷӯёни ғолиби даври якум, ки аз факултетҳои муассисаи таълимӣ якнафарӣ пешниҳод шуданд, дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад.

7. **Даври сеюми Озмун**-ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни ғолиби даври дуюми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ моҳи июн баргузор мегардад. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ якнафарӣ ғолиби даври дуюмро мувофиқи талаботи банди 26 бо мактуби расмии роҳбари муассиса ва ба он замима намудани парвандаи шахсӣ ҷиҳати иштирок дар Озмун ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

8. Дар Озмун донишҷӯёни шӯъбаи рӯзонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар новобаста аз тобеияти идоравӣ, равия ва самти ихтисос ҳуқуқи иштирок кардан дорад.

9. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва факултетҳои он ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор кардани даврҳои якум, дуюм ва пешниҳоди номзадҳои арзанда ба даври сеюми Озмун мутобиқи талаботи амалкунанда масъул мебошанд.

10. Масъулияти баргузории Озмун ба зиммаи муовинони ректор оид ба корҳои таълим, илм ва инноватсия, тарбия, шуъбаи кор бо ҷавонон, занон, инчунин деканҳои факултет ва дигар сохторҳои дахлдори муассисаи таълимӣ вогузор карда мешавад.

11. Ҷиҳати тарғибу ташвиқи донишҷӯён ва ҷалби онҳо ба Озмун деканҳои факултет, омӯзгорон ва кураторони гурӯҳҳои академӣ ва дигар шахсони дахлдор масъул мебошанд.

12. Беҳтарин иштирокчиёни (ғолибони) даври якум, дуюм ва сеюми озмун аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

13. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои озмун тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сарпарастони дохилӣ ва хориҷӣ иҷозат дода мешавад.

14. Бо пешниҳоди ҳайати комиссияи озмуни даври ҷумҳуриявӣ ба омӯзгоре, ки шогирди ӯ дар даври ҷумҳуриявӣ сазовори унвони «Беҳтарин донишҷӯи сол» мегардад, бо нишони ифтихории «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар мукофотҳои соҳавӣ сарфароз гардонида мешавад.

15. Довталабе, ки дар рӯзҳои баргузории Озмун бо сабабҳои мухталиф ҳозир шуда наметавонад, барои иштироки такрорӣ дар Озмун роҳ дода намешавад.

16. Донишҷӯе, ки дар Озмун иштирок намуда, ғолиби озмуни «Беҳтарин донишҷӯи сол» гардидааст, ҳуқуқи такроран дар Озмуни солиояндаи «Беҳтарин донишҷӯи сол» иштирок карданро дорад.

17. Барои ташкил ва гузаронидани Озмун дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ кумитаи тадорукот дар ҳайати раис, котиб ва аъзои он таъсис дода мешавад, ки он ташкил ва баргузории Озмунро ба роҳ мемонад.

18. Кумитаи тадорукоти Озмун дар дохили муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби ректорон (директорон) ва дар сатҳи факултетҳо аз ҷониби деканони факултетҳои муассисаҳои таълимӣ тасдиқ карда мешавад. Ба ҳайати он намояндагони дахлдори соҳаи маориф, иттифоқҳои касаба, омӯзгорон ва дигар намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятию сарпарастон дохил шуда метавонанд.

19. Ба ҳайати кумитаи тадорукоти дохилии муассисаи таълимӣ мувофиқан ба шартҳои Озмун мутахассисони дахлдори соҳавӣ, иттифоқҳои касаба, омӯзгорон ва дигар намояндагон ворид шуда метавонанд.

20. Котиби комиссияи Озмун мувазсаф аст, ки пеш аз баргузории он ба таври расмӣ довталабонро барои иштирок дар Озмун (макон ва замони баргузории Озмун) хабардор намояд.

21. Котиби комиссияи Озмун ҳуҷҷатҳои ғолибони озмунро, ки ба даври дигар роҳхат гирифтаанд, 15 рӯз пеш аз баргузории Озмун тибқи тартиб пешниҳод менамояд.

22. Дар назди кумитаи тадорукоти Озмун комиссияи аппелятсионӣ таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи аппелятсионӣ ва аъзои он аз ҷониби кумитаи тадорукот интихоб карда мешавад.

23. Иштирокчии Озмун дар сурати норозӣ будан аз натиҷагирӣ намудани комиссияи Озмун ҳуқуқ дорад, ки тавассути ариза ба комиссияи аппелятсионӣ дар рӯзҳои баргузории он муроҷиат намояд.

24. Комиссияи аппелятсионӣ арзу шикоятҳои иштирокчиёни озмунро дар рӯзҳои баргузории Озмун бо назардошти ҳақиқати воқеӣ баррасӣ намуда, талаби ӯро қонеъ (яъне холҳои гирифтаи иштирокчии озмунро мушаххасан аз рӯи баҳогузории ҳайати комиссия баррасӣ мекунад) ва аз натиҷааш ба раиси комиссияи озмунӣ ахбори хаттӣ пешниҳод менамояд.

25. Ҳайати комиссияи дохилии муассисаи таълимӣ ҳангоми баҳогузорӣ ба малака ва маҳорати донишҷӯён метавонад аз рӯи меъёри баҳогузории замимаи 1 Низомномаи мазкур истифода намояд.

26. Муассисаи таълимӣ баъди ҷамъбасти даври дуюми Озмун парвандаи ғолиби озмунро барои иштирок ба даври сеюм-ҷумҳуриявӣ ба Вазорати маориф ва илм 15 рӯз қабл аз баргузории Озмун бо тартиби зерин пешниҳод менамояд:

-дархости муассисаи таълимӣ ҷиҳати пешниҳоди довталаб;

-қарори комиссияи даври дуюми Озмун;

-тавсифномаи муассисаи таълимӣ;

-хислатномаи роҳбари илмӣ ё эҷодии донишҷӯ;

-тарҷумаи ҳоли довталаб;

-нусхаи шиноснома;

-нусхаи дафтарчаи имтиҳонӣ (транскрипт) бо имзо ва муҳри раёсати муассисаи таълимӣ;

-дастовардҳои довталаб (нусхаҳои шаҳодатнома, шаҳодатнома оид ба ихтироот, диплом, сертификат, сипоснома, ифтихорнома ва дигар намуди дастовардҳо);

-иштирок дар конференсияҳои илмию назариявӣ, илмию амалӣ, намоишгоҳ, маълумотҳои чопӣ, маърӯзаву баромадҳо, мақолаҳои илмӣ, публисистӣ, шеъру тарона, ки дар давраи донишҷӯӣ ба даст овардааст;

-иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ (амалӣ намудани ташаббусҳои созанда байни ҷавонон) ва варзишии муассисаи таълимӣ, ноҳия, шаҳр, ҷумҳурӣ (замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи фаъолият ва ё дастовардҳо дар ин самт);

-ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи гирандаи стипендияҳо (агар гирандаи стипендия бошад);

-номгӯи адабиёти бадеӣ, илмӣ ва тахассусӣ мутолиашуда;

-дигар дастовардҳое, ки донишҷӯ дар фаъолияти таълимияш ба даст овардааст.

## 2. Кумитаи тадорукоти Озмун

27. Масъалаи ташкил ва баргузории даври сеюми Озмуни ҷумҳуриявӣ ба зиммаи раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ вогузошта мешавад. Ҳайати кумитаи тадорукоти Озмун ва комиссияи апелятсионӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ аз ҳисоби кормандони масъули Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар шахсони дахлдор бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

28. Дар назди кумитаи тадорукот комиссияи ташкилӣ-назоратӣ, методӣ таъсис дода мешавад.

29. Комиссияи ташкилӣ-назоратии кумитаи тадорукот масъалаҳои зеринро роҳандозӣ менамояд:

-таъмини иҷрои муқаррароти Низомномаи мазкур;

-таҳияи нақша, барнома ва сенарияи гузаронидани даври сеюми Озмун;

-ҳалли масъалаҳои ҷорӣ ҷиҳати баргузории Озмун;

-омода, нашр ва дастрас намудани маводи иттилоотии Озмун;

-такмили шартҳои Озмун ва меъёри холгузории он;

- ҷамъбасти дархостҳои муассисаҳои таълимӣ, ташхис ва интихоби довталабон барои иштирок дар Озмун;

- муҳокима ва баррасии ҳайати ҳакамон барои тасдиқ;

- баррасӣ ва пешниҳодӣ ҳамаи масъалаҳои баҳсӣ, ки дар рафти Озмун ба вуҷуд меоянд;

- мувофиқа ва муайян намудани макон ва замони баргузории даври сеюми Озмун;

-15 рӯз қабл аз макон ва замони баргузории даври сеюми Озмун огоҳ намудани иштирокчӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

-чораандешӣ ҷиҳати таъмини иштирокчиёни даври сеюми Озмун бо ҷойи хоб, фароғату истироҳат ва сайру сайёҳати онҳо дар мувофиқа бо масъули чорабинӣ;

-фориғ аз чорабиниҳои маърифатӣ оростани мулоқоту шабнишиниҳо бо шоиру нависандагон ва олимони намоёни кишвар;

-назорати пурраи раванди баргузории даври сеюми Озмун;

-омода намудани туҳфаҳои хотиравӣ;

-баррасии дигар масъалаҳои марбут ба Озмун.

**30. Талабот барои иштиркчиёни Озмун:**

-донишҷӯёни аълохони шуъбаи рӯзона (75% баҳои аъло ва 25% баҳои хуб бошад);

-дар дарсҳо фаъолона иштирок намояд;

-дар қайди Вазорати корҳои дохилии кишвар (ҳамчун вайронкунандаи тартиботи ҷамъиятӣ) набошад;

-ба дастовардҳои таълимӣ, илмӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва ғайра ноил гашта бошад;

-қобилияти суханварӣ, забондонӣ, истифодаи техника ва технологияи иттилоотию иртиботиро дошта бошад;

-иштирокчии чорабиниҳои илмӣ, сиёсӣ, ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ бошад.

## 3. Шартҳои Озмун

31. Озмун аз рӯи шартҳои зерин сурат мегирад:

-навиштани кори хаттӣ (бо забони давлатӣ (эссе), русӣ, англисӣ (диктант) (барои онҳое, ки дар гурӯҳҳои таълимашон бо забонҳои русӣ, англисӣ таҳсил менамоянд));

-худмуаррифии довталаби Озмун (бо истифодаи усулҳои нави техника ва технологияи муосир (презентатсия, пешниҳоди албом, реферат дар мавзуъҳои ҷашнҳои миллӣ ва ғайра), инчунин истифодаи намудҳои тахтаҳои электронӣ, интерактивӣ ва барномаҳои гуногуни компютерӣ;

-суҳбат бо довталаб вобаста ба мавзӯъҳои тахассусӣ, дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ, забондонӣ, суханварӣ, таърих, адабиёт, фарҳанг ва расму оини миллӣ.

-мутолиаи асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

32. Барои гурўҳҳои ихтисосҳои табиӣ, техникӣ, технологӣ, тиббӣ, санъат ва варзиш гирифтани корҳои хаттии тахассусӣ, эҷодӣ ва маҳорат ба роҳ монда мешавад.

33. Дар сурати аз эссе, диктант, корҳои хаттии тахассусӣ, эҷодӣ ва маҳорат гирифтани баҳои ғайриқаноатбахш ва қаноатбахш довталаб ҳуқуқи идомаи иштирок дар озмунро аз даст медиҳад.

## 4. Меъёри баҳогузорӣ ва тартиби муайян намудани «Беҳтарин донишҷўи сол»

34. Комиссияи Озмун дар мувофиқа бо кумитаи тадорукот меъёри баҳогузориро, ки дар замимаи 1 оварда шудааст, дар ҳолати зарурияти корӣ пеш аз баргузории Озмун метавонад такмил диҳад.

35. Кумитаи тадорукот бо назардошти холҳои бадастовардаи донишҷўён аз рўи низоми холгузорӣ (замимаи 1) озмунро ҷамъбаст ва «Беҳтарин донишҷўи сол»-ро муайян менамояд.

36. Барои сазовор гардидани унвони «Беҳтарин донишҷўи сол» як ҷой муқаррар карда мешавад.

37. Дар сурати ду довталаб гирифтани холҳои баробар кумитаи тадорукот метавонад ба таври дигар (дар ҳузурӣ ҳар ду довталаб бо саволҳои иловагии якхела, суҳбат гузаронидан) ғолибро муайян намояд.

38. Донишҷўе, ки унвони «Беҳтарин донишҷўи сол»-ро соҳиб мешавад, аз имтиёзҳои зерин бархурдор мегардад:

-барои идомаи таҳсил ба гурўҳи буҷавии шуъбаи магистратура;

-донишҷўё, ки дар гурўҳи шартномавӣ таҳсил менамояд, аз пардохти шартномаи солона озод карда мешавад;

-аз пардохти маблағи солонаи хобгоҳ озод карда мешавад.

## 5. Таъминоти молиявии Озмун

39. Хароҷоти даври якум, дуюм, қадодонии иштирокчиён ва сафарбаркунии ғолибон ба даври ҷумҳуриявии Озмун аз ҳисоби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пардохт мегардад.

40. Хароҷоти маблағи ҳавасмандгардонӣ барои ғолибони даври сеюми Озмун ва дигар хароҷоти ба он вобаста бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

41. Маблағи ҳавасмандгардонӣ барои ғолиби даври сеюми Озмун «Беҳтарин донишҷўи сол» 10000 сомонӣ муқаррар карда мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

42. Иҷрои талаботи Низомномаи мазкур ҳангоми баргузории Озмун аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз тобеияти идоравӣ

ҳатмӣ буда, истифодабарандагон метавонанд ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба бандҳои дахлдори он таклифу пешниҳоди худро расман манзур созанд.

43. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур танҳо тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

**Замимаи 1.**

| Т/р | Меъёри<br>баҳогузорӣ ба талабот ва шартҳои Озмун | Холи имконпазир |
|---|---|---|
| 1 | Навиштани кори хаттӣ | 15 |
| 2 | Худмуаррифии довталаб | 5 |
| 3 | Истифодаи намудҳои гуногуни барномаи компютерӣ | 10 |
| 4 | Суҳбат бо довталаб (сатҳи забондонӣ, суханварӣ, таърих, фарҳанг, дастовардҳои замони истиқлолият ва ғайра) | 10 |
| 5 | Гирандаи стипендияҳо (президентӣ, номӣ ва ғ.) | 5 |
| 6 | Нашри мақолаҳои илмӣ, омавӣ, публисистӣ | 10 |
| 7 | Мутолиаи асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10 |
| 8 | Аъзои фаъоли китобхона (китобхонаи муассисаи таълимӣ, ноҳия, шаҳр, вилоят ва китобхонаи миллӣ) | 5 |
| 9 | Иштироки дар чорабиниҳои варзишӣ (дорои дастовард) | 5 |
| 10 | Иштироки фаъол дар чорабиниҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ | 10 |
| 11 | Асарҳои бедӣ, илмӣ, тахассусии хондашуда | 10 |
| 12 | Ду саволи иловагии ҳайати комиссия доир ба тахассус | 5 |
| | **Ҷамъи холҳо** | **100** |

**Эзоҳ:** иҷрои корҳои лабораторӣ, озмоишӣ ё эҷодӣ (дар соҳаи дахлдор); донистани на кам аз 2 забони хориҷӣ (барои донишҷӯёни таҳсилаш бо забони давлатӣ, доштани патент ё нахустпатент.